## Шарҳи моҳонаи таваррум • Апрели 2021

**Сатҳи таваррум дар моҳи апрели соли 2021 0,7 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ 1,5 банди фоизӣ (б.ф.) паст мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯроквории 1,1 фоиз (саҳм дар таваррум 0,6 б.ф.), молҳои ғайрихӯроквории 0,4 фоиз (0,1 б.ф.) ва нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯроквории бештар қиматшавии нархи миёнаи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили гӯшти гов 6,7 фоиз, гӯшти гӯсфанд 9,3 фоиз, гӯшти мурғ 4,8 фоиз, равғани пахта 10,1 фоиз, равғани офтобпараст 14,6 фоиз, карам 3,0 фоиз ва сабзӣ 11,4 фоиз ба қайд гирифта шуд, ки раванди мазкур таъсири омилҳои берунӣ ва мавсимӣ ба вуқӯъ пайваст.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи миёнаи баъзе аз маҳсулоти хӯроквории, аз ҷумла нархи орди навъи якум -1,8 фоиз, шир -1,6 фоиз, биринҷ -1,7 фоиз, тухм -0,1 фоиз, пиёз -0,6 фоиз, помидор -49,0 фоиз ва бодиринг -3,3 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Аз молҳои ғайрихӯроквории бошад, дар моҳи апрели соли 2021 бештар қиматшавии нархи миёнаи маҳсулоти бофандагӣ 0,2 фоиз, маводи шустушӯй 0,5 фоиз, сӯзишвории дизелӣ 2,2 фоиз, бензини навъи АИ-92 6,4 фоиз ва гази моеъ 1,1 фоиз ба мушоҳида расид.

**Ҳамин тариқ, таварруми солона дар моҳи апрели соли 2021 ба 8,3 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 2,3 б.ф. кам мебошад.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби аз доираи ҳадафи муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум асосан омилҳои мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ва таклифотии вобаста ба пандемияи коронавирус (COVID-19) арзёбӣ мегардад. Инчунин, ноустувории нархи маҳсулоти воридотӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ аз сабаби нисбатан барқарор гардидани иқтисодиёти

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи шакар ва равғани пахта, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



ҷаҳон ва зиёд гардидани талабот бинобар афзоишёбии даромаднокии аҳолии минтақа ва ҷаҳон, маҳдуд будани тиҷорати байналхалқӣ ва паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар кишвар (шакар, равғани рустанӣ ва дигар) замина гузошт.

Сатҳи таваррумӣ аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи апрели соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,7 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (аз қабили маҳсулоти тайёри нонӣ) саҳмгузорӣ намуд.

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги асосии сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт бо назардошти афзоиши фишорҳо, интизориҳои таваррумӣ ва дар давраи миёнамуҳлат бозгардонидани сатҳи таваррум дар доираи ҳадаф ва ҳудуди муқарраршудаи он дар ин давра 1,25 б.ф. (маротибаи якум санаи 5 феврал ба андозаи 0,25 б.ф. ва маротибаи дуюм санаи 27 апрели соли 2021 иловатан ба андозаи 1,0 б.ф.) зиёд карда шуда, дар сатҳи 12,0 фоизи солона муқаррар карда шуд.

Ҷиҳати танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо ва коҳиш додани фишорҳои қурбӣ-таваррумӣ дар моҳҳои январ-апрели соли 2021 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 118,8 млрд. сомонӣ амонатҳои шабонарӯзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷалб гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,4 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар ин давра 23 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ба маблағи 2,4 млрд. сомонӣ баргузор гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагии таваррумӣ истифодаи воситаҳои монетариро самаранок ба роҳ монда, татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | | | 2021 | | Апрел моҳона бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Апрел | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизатрасонӣ** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,9** | **8,3** | **0,7** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,5** | **9,0** | **1,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 10,4 | 1,0 | -1,4 |
| Биринҷ | 2,8 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 0,4 | -2,6 | -1,7 |
| Орд | 8,6 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 12,9 | -1,0 | -1,8 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 9,0 | 15,7 | 6,2 |
| Гӯшти гов | 3,9 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 9,5 | 16,9 | 6,7 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 43,2 | 24,3 | -0,1 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 5,6 | 11,3 | 3,3 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 10,3 | 13,6 | -1,6 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 51,5 | 62,4 | 10,2 |
| Меваҷот | 4,1 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | -6,4 | -11,4 | -0,3 |
| Сабзавот | 6,8 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 5,5 | -8,1 | -2,7 |
| Шакар | 1,9 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 46,7 | 42,3 | 0,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,5 | 4,6 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **5,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **4,6** | **6,2** | **0,2** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **7,6** | **9,2** | **0,3** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,9 | 4,9 | -0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 7,8 | 7,7 | 0,2 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,5 | 10,0 | 0,5 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 6,6 | 6,2 | -0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | 16,8 | 39,4 | 4,1 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 12,8 | 24,4 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 4,3 | 4,3 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 9,3 | 9,7 | 0,6 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **4,1** | **5,3** | **0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 3,7 | 7,2 | 0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 4,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 14,1 | 36,2 | 0,8 |
| Нақлиёт | 4,3 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 5,9 | 5,7 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо